ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2026

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2026 69 ташкилоти қарзии молиявӣ, 17 субъекти бозори суғурта (16 ташкилоти суғуртавӣ ва 1 брокери суғуртавӣ), 6 ташкилоти лизингӣ ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар интиҳои моҳи сентябри соли 2026 дар маҷмуъ 74 799,8 млн сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 13,5 фоиз зиёд мебошанд. Нишондиҳандаи дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 38,3 фоиз баробар гардид.

Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

	30.09.2026			
	Адад	Дороиҳо (млн сомонӣ)	Ҳисса (бо %)	Афзоиши дороиҳо нисб. ба инт. соли 2025
Ташкилотҳои қарзии молиявӣ	**69**	**66 393,8**	**88,8**	**12,1**
Бонкҳо	***19***	***62 247,2***	**83,2**	***12,3***
Бонки давлатӣ	*2*	*15 131,0*	20,2	*23,0*
Бонки исломӣ	*1*	*666,2*	0,9	*34,0*
Бонк бо сармояи хориҷӣ	*7*	*13 570,0*	18,1	*14,4*
Бонкҳои дигар	*9*	*32 880,1*	44,0	*6,8*
Ташкилотҳои маблағгузории хурд	***50***	***4 146,6***	**5,5**	***9,3***
Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд	*27*	*3 221,3*	4,3	*11,1*
Ташкилотҳои қарзии хурд	*2*	*41,7*	0,1	*5,0*
Фондҳои қарзии хурд	*21*	*883,5*	1,2	*3,6*
Филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ	***366***			
Низоми суғурта	**17**	**1 332,9**	**1,8**	***16,8***
Ташкилотҳои суғуртавӣ	*16*	*1 332,9*	*1,8*	*16,8*
Брокери суғурта	*1*	...	...	...
Ташкилотҳои лизингӣ	**6**	**936,3**	**1,3**	***20,1***
Биржаҳои фондӣ	**...**	...	...	...
АСИН	**1**	**6 136,9**	**8,2**	**29,7**
Ҳамагӣ:	**93**	**74 799,8**		**13,5**
Нисбат ба ММД (%)		**38,3**		

Дар давраи ҳисоботӣ 88,8 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (8,2 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (1,8 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (1,3 фоиз) ташкил доданд[1].

Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)-ро дар бар мегиранд. Дар семоҳаи сеюми соли 2026 дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 12,1 фоиз афзуда, ба 66 393,8 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 366 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 4 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 598 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд.

Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 16,8 фоиз зиёд шуда, ба 1 332,9 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Тибқи маълумотҳои дастрасшуда дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 20,1 фоиз зиёд шуда, 936,3 млн сомониро ташкил намуданд.

Дороиҳои АСИН дар давраи ҳисоботӣ ба 6 136,9 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки АСИН ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти иҷроия барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, мустақилона ташаккул ва идора намудани буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва маблағгузорӣ, пасандозкунӣ ва ҷойгиркунии саҳмҳои суғуртавӣ ваколатдор мебошад.

[1] Эзоҳ: ҳангоми пешниҳод гардидани маълумот дар бораи фаъолияти биржаҳои фондӣ, ташкилотҳои ломбардӣ маводи мазкур такмил дода мешавад.